*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва*
*иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: кӯчаи*
*Нахимов 64/14, Душанбе, Тоҷикистон, 734067,*
*Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**доктори фалсафа PhD аз руйи ихтисоси – Молия, Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович ба диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023 таҳти № 6 тасдиқ шудааст) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯйӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосииислоҳоти системаи андозӣ мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Гузариш ба муносибатҳои навини иқтисодӣ дар шароити имрӯза нишон медиҳад, ки соҳаи маориф яке аз соҳаи муҳиммтарини давлатӣ баҳисоб рафта, таҳкимбахши ҷамъияти солим ва тақвиятсози насли умедбахш мегардад.

Соҳаи маориф яке аз соҳаҳои калидии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии тамоми кишварҳо буда, баҳри баланд гардидани маърифату маънавиёти аҳолӣ нақш бозида, дар рушди захираҳои инсонӣ, ки асоси инкишофи ҳар як қишри ҷомеаро ташкил медиҳад. Бинобар ин, дар ин самт, бахусус, масъалаи маблағгузории соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол тақвият ёфта, Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи мазкур диққати аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Беҳтар кардани андозбандии донишгоҳҳо дар шароити кунунӣ мутобиқ шудан ба рақамикунонӣ, ҷаҳонишавӣ ва бозори меҳнатро талаб мекунад, ки ба ҳавасмандгардонии андоз барои фаъолиятҳои инноватсионӣ (AI, IT), хидматҳои рақамӣ ва грантҳо такия мекунад. Бинобар ин, самтҳои асосӣ инҳоянд: кам кардани бори андоз барои хидматҳои таълимӣ ва марбут ба онҳо, дастгирии инноватсия ва рақамикунонӣ ва содда кардани корҳои маъмурияту ҳуҷҷатгузориҳӣ, то ки донишгоҳҳо илм, технологияро самараноктар рушд диҳанд ва кадрҳои воқеан салоҳиятнокро ба воя расонанд.

Такмили низоми андоз барои донишгоҳҳо метавонад ҳам чораҳои сатҳи давлатӣ ва ҳам стратегияҳои беҳсозии дохилиро дар бар гирад:

-танзими равшани қонунгузорӣ, яъне таҳияи меъёрҳои равшантар барои фарқ кардани фаъолиятҳои асосӣ ва тиҷоратии донишгоҳҳо барои мақсадҳои андоз барои кам кардани норавшанӣ ва баҳсҳо бо мақомоти андоз.

-васеъ кардани рӯйхати имтиёзҳои андоз, яъне таъмини имтиёзҳои иловагии андоз ва ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорӣ дар инфрасохтори таълимӣ ва илмӣ, ки ба донишгоҳҳо имкон медиҳад, ки захираҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии худ ба ҳадди аксар расонанд.

-дастгирии андоз барои навоварӣ, яъне ҷорӣ кардани низомҳои махсуси андоз ё кредитҳо барои дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва экологӣ, ки аз ҷониби донишгоҳҳо амалӣ карда мешаванд.

Ба андешаи мо, дар ин замина такмили низомҳои муқарраргардидаи андозбандӣ ва менеҷменти муосиру пурсамари фаъолияти мақомоти андоз дар умум, аз ҷумла, дар соҳаи маориф нақши муассир дорад.

Сиёсати миллии ҳар як давлат ба рушди соҳаи маориф ҳамчун асоси рушди устувори муҳити иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Маориф ҳамчун яке аз омилҳои рушд ва шароити асосии ташаккулёбии иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷомеа маҳсуб دониста шуда, муайянкунандаи сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ мебошад. Дар баробари ин, вусъати сармояи инсонӣ њамчун яке аз шартњои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз сатњи тањсилоти гирифташуда вобаста аст, ки ба хонандагон маҷмўи мањорату малакањои дар амал татбиқ намудани иқтидори шахсиро тарбия мекунад.

Ба фикри мо, маҳз аз ҳамин ҷиҳат муҳиммияту мубрамияти мавзуи интихоб намуда ва таҳқиқоти гузаронидаи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо бебаҳс буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва арзиши илмию амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Муаллифи диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот омӯхта, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони соҳа асосёфта доир ба масъалаҳои молия, муомилоти пулӣ ва қарз, муносибатҳои молиявӣ, низоми андозбандӣ, танзими системаи буҷетию андозӣ ва механизмҳои татбиқи он асос ёфтааст.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** фарогири заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба мазмун, мундариҷаи таҳлили ҳолати андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вазъи онҳо, ҳамзамон

коркарди як қатор тавсияҳои амалӣ нисбат ба ташаккули муносибатҳои нави андоз, ки дар натиҷа вазъи молиявии андозсупорандагон беҳтар мегардад ва ба кам гардидани вазни сарбории маблағи таҳсили донишҷӯён мусоидат мекунад, мебошад. Раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки он хусусияти илмиву амалӣ дошта, навовариҳои зеринро дар бар гирифтааст:

- Дар диссертатсия мафҳуми андоз ҳамчун категорияи иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ шуда, дар ҳамин замина дар асоси омӯзиши ақидаҳои мухталифи олимон аз ҷиҳати илмӣ мафҳумҳои «андоз», «низоми андоз» асоснок гардида, нуктаи назари муаллиф андозро ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ ва зарурӣ аз ҷониби аъзоёни ҷамъият барои таъминоти молиявии хароҷотҳои давлатӣ амал менамоянд ва дорои манбаъҳою меъёрҳои қонунан муқараргардида мебошанд, таҳия шудааст;

- Пешниҳоди муаллиф ҷолиби диққат аст, андозбандии соҳаи маориф вобаста ба зинаҳои таҳсилот гурӯҳбандӣ карда шавад ва дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун фасли (боби) алоҳида таҳия гардад, дар он сурат ба сатҳу сифати андозбандии соҳаи мазкур мусоидат намуда, барои баҳисобгирии он заминаи мусоид фароҳам месозад. Муаллиф чунин мепиндорад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бештари он худмаблағгузор ҳастанд, мувофиқи банди дуюми моддаи 264 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 5% андоз аз арзиши иловашуда месупоранд. Дар аксари кишварҳои дунё ба муассисаҳои таълимӣ имтиёзҳои андозӣ дода мешаванд, ки ин сабаби рушди соҳаи ҳаётан зарури маориф мегардад.

- Ба ақидаи муаллиф дар асоси таҳқиқоти низоми андозбандии кишварҳои тараққикардаи хориҷӣ ва бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ, татбиқи озод намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз андоз аз арзиши иловашуда зарурати аввалиндараҷа дорад. Дар ин сурат он имкон медиҳад, ки танзими боадолатонаи муносибатҳои андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро аз мушкилоти андозбандии иловагӣ озод намояд, азнавтақсимкунии хароҷоти маблағи таҳсилро ба низом дарорад, сатҳи самаранокии дохилшавӣ ба гурӯҳҳои

шартномавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро афзун гардонад ва муҳимтар аз ин, вазъи молиявию некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин намояд.

• Дар раванди амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ таъсири муайяни омилҳо ошкор карда шуда, дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмии низоми андозбандии МТОК пешниҳод гардидааст. Бо истифода аз амсилаи оптимизатсионӣ, ташкили муассисаи таҳсилоти олии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат мебошад. Ҳамзамон самтҳои асосии такмили механизми андозбандии МТОК муайян гардида, раванди банақшагирии пардохти андозҳо, имтиёзҳои андозбандӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии он дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст, ки он дар таъмини рушди стратегияи иқтисоди миллӣ таъсиргузор мебошад.

Бинобар ин, муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ ва ғайраро истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамояд.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккул ва такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир дар фаъолияти мураттаби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

Татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ба афзалиятҳову самаранокии иқтисодию иҷтимоии он мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои илман асоснокгардидаи таҳқиқ метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушд ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳаи мазкур бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои сершумори муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот аз имкони дар амалия татбиқи муқаррароти назариявии таҳияшуда, тавсияҳои методӣ ва амалӣ дар такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сарчашма мегирад.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти молия, андозбандӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони соҳавӣ, роҳбарон, кормандони муассисаҳои бонкдорӣ ва мутахассисони бахши иқтисод ва тиҷорат истифода шаванд.

**Сохтори кори диссертатсионӣ** аз гузориши мақсаду вазифа, натиљагирӣ ва алоќамандии мантиќии онњо иборат аст, ки муҳаққиқ масъалањои пешгирифтаро амиќ дарк намуда, ҷанбаҳои такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро илман асоснок намудааст.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 173 саҳифа оварда шудааст, ки он 6 диаграмма 16 ҷадвал ва 11 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 130 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияту мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи

мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ба **«Асосҳои илмӣ-назариявии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир»** бахшида шудааст, ки дар доираи он ташаккули низоми андоз ва андозбандӣ дар Тоҷикистон, асосҳои методии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир, мушкилоти танзим ва механизми андозбандӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқ гардидааст(саҳ 15-61).

Хотиррасон кардан ба маврид аст, ки ташаккули буҷети кишвар ва танзими муносибатҳои молиявӣ аз низоми андоз ва пардохи он вобастагии ҳ
а
м

Аз ин хотир, ба андешаи муаллиф андозҳо ҳамчун пардохтҳои ҳатмӣ ва зарури аз ҷониби аъзоёни ҷамъият барои таъминоти молиявии хароҷотҳои давлатӣ амал менамоянд ва дорои манбаъҳою меъёрҳои қонунан муқараргардида мебошанд (саҳ 27).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, содагардонии идоракунии андозбандӣ ба коҳиши сарбории андозҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушди фаъолият тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз иқтисоди пинҳонӣ ба қонунӣ заминасозӣ намуда, дар навбати худ яке аз воситаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд.

Ба ақидаи муҳаққиқ, низоми кунунии андоз дар Тоҷикистон ба ташаккули гурӯҳи андозсупорандагоне мусоидат менамояд, ки аз андозбандӣ даргурезанд ва манбаъҳои худро ба бахши иқтисоди пинҳонӣ нигоҳ медоранд. Бинобар ин, содагардонии идоракунии андозбандӣ ба коҳиши сарбории р
о

андозҳои фаъолияти соҳибкорӣ, рушди фаъолият тавассути беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва тадриҷан баромадан аз иқтисоди пинҳонӣ ба қонунӣ заминасозӣ намуда, дар навбати худ яке аз воситаҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб дониста мешаванд(саҳ.28).

Андоз ва андозбандии муассисаҳои таълимии худмаблағгузор ба ақидаи мо яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳа маҳсуб меёбад, зеро аз оқилона ва одилона роҳандозӣ намудани он ба афзоиш ёфтани чунин муассисаҳо боис гашта, сарбории буҷети давлатиро барои маблағгузории муассисаҳои таълимии буҷетӣ сабуктар мегардонад.

Муаллиф чунин нуктаи назар дорад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки худмаблағгузор ҳастанд, мувофиқи банди дуюми моддаи 264-и «Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба андозаи 5% андоз аз арзиши иловашуда месупоранд. Дар ҳалли ин масъала мо чунин андеша дорем, ки маориф сутуни рушди ояндаи кишвар аст, муассисаи таълимӣ бунёдгузор ва созандаи ҷаҳону ҳаёти рангин ва гуворою осоиштаи ҷомеа аст. Дар аксари кишварҳои пешрафта муассисаҳои таълимӣ баръакс соҳибимтиёзанд, на балки объекти андозситонӣ (саҳ.42).

Андешаи муаллиф бисёр ҷолиб аст, дар ин самт низ бояд ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари соҳаҳои сайёҳӣ, кишоварзӣ, тиб, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, нақлиёт ва ғайраҳо имтиёзи андозӣ дода шавад, зеро маориф соҳаи калидии ташаккул ва рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар маҳсуб меёбад. Бисёр манфиатовар мебуд, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва илм аз андози арзиши иловашуда озод бошанд(саҳ.43.)

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҳадафи ниҳоии андоз ҳамчун василаи асосии танзими давлатии иқтисодиёт дар таъмин намудани мунтазами равандҳои сармоягузорӣ, инкишофи натиҷаҳои молиявӣ ва дар ниҳояти кор афзун кардани фонди умумимиллии маблағҳои пулӣ ифода меёбад (саҳ.52).

Муҳтавои боби дуюми диссертатсия доир ба **«Баҳодиҳии иқтидори иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳлили андозбандии онҳо»** баҳс менамояд, ки дар он таҳлили ҳолати кунунӣ ва раванди андозсупории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамзамон омилҳои таъсиррасон ба андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷии андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардидааст(саҳ.62-111).

Дар шароити рушди соҳаҳои иқтисодӣ, дигаргуншавии муносибатҳои меҳнатӣ, раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва ба ин васила ташаккули технологияи зеҳнӣ нақш, мақом ва манзалати соҳаи маориф дучанд хоҳад гардид. Маҳз соҳаи маориф рисолати татбиқсозии тамоми барномаву иқдомҳо ва нақшаву стратегияҳоро бо зеҳнияти нерӯи созанда пайгирӣ менамояд. Бинобар ин, соҳаи маориф дар маҳаки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истодааст. Дар диссертатсия муаллиф пеш аз ҳама барои муайян кардани иқтисоди иҷтимою иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таввaҷӯҳи хоса зоҳир намудааст.

Диссертант зикр менамояд, ки тибқи нишондиҳандаҳои диаграммаи 2.1. маълум мешавад, ки маблағгузории соҳаи маориф сол то сол тақвият ёфта, нишондиҳандаҳои он сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, суръати афзоиш қариб ба 2 маротиба баробар аст, ки ин метавонад дар солҳои оянда боз ҳам зиёд гашта, ба мутобиқ шудани маблағгузориҳои соҳа ба стандартҳои байналмилалӣ оварда расонад (саҳ.65).

Маврид ба зикр аст, ки мувофиқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.5. маълум аст, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди пардохти андозҳо мавқеи намоён дошта, давоми солҳои таҳлилшаванда ҳиссаи андозсупории онҳо бомаротиб боло рафтааст. Дар самти андозсупорӣ ҳиссаи андози даромад аз шахсони воқеӣ (кормандон) нисбат ба дигар намуди андозҳо зиёд буда, дар сатҳи хизматрасонии олии таълимӣ соли 2019 бештар аз 72 фоизро ташкил намуда, ин нишондод дар соли 2023 ба бештар аз 74 % баробар гаштааст(саҳ.76).

Таҳқиқот ва омӯзиши вазъи имрӯза маълум кардааст, ки омилҳои мухталиф ба рушди соҳаи алоҳида таъсир мерасонанд ва онҳоро ба инобат гирифта, таъсири бевоситаи омилҳоро ба тараққиёти соҳаи молия муайян кардан мумкин зарур аст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия ҳангоми муайян намудани сохтори таркибии рушди соҳаи маориф ва арзёбии соҳаҳои асосии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Албатта омӯхтану дар таҷриба мақсаднок истифода намудани таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик аз аҳамият холӣ нест.

Дар ин хусус, таҷрибаи кишварҳои пешоҳанг ва муваффақ нишон медиҳад, ки дар аксари кишварҳои хориҷа муассисаҳои таълимӣ шакли моликияташон ғайридавлатӣ мебошад ва ин гуна таҷриба барои кишвари мо низ аҳамияти хоса дорад. Масалан дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва ё Узбекистон 60-70 фоизи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ғайридавлатӣ мебошанд ва ин дар ғанӣ гардонидани буҷаи давлат саҳми назаррас мегузорад. Дар ҷумҳурии мо ҳамагӣ 4-5 муассисаи ғайридавлатӣ фаъолият доранд, ки хеле кам мебошад. Моро месазад, ки дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба анҷом расонем ва пайваста роҳҳои афзалиятноку манфиатборро пайгирӣ намоем(саҳ.97).

**Боби сеюми диссертатсия бошад, асосан ба** «Самтҳои мукаммалгардонии механизми андозбандии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» бахшида шудааст, ки дар доираи он самтҳои асосии такмилдиҳии низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ҳангоми татбиқи такмили механизми он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мувофиққунонии (оптималикунонии) низоми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳқиқ гардидааст(саҳ.112-153).

Дар шароити имрӯзаи зуд тағйирёбии вазъи сиёсӣ-иқтисодии шарикони стратегӣ бе назардошти ҷузъи сиёсӣ ва макроиқтисодӣ, объективона ва дуруст муайян кардани самаранокии тадбирҳои андешидашуда дар самти такмили қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо имконнопазир аст, зеро ин на танҳо

ба таҳлили илмии муносибатҳои ҳуқуқии мавҷудаи андоз вобаста аст, балки инчунин, имкон медиҳад, киояндабинии муайян кардани хавфи андозии субъектҳои хоҷагидор дар як вақт ё тавассути шакли дигари рафтор пешгӯйӣ карда шавад (саҳ.114).

Бояд зикр намуд, ки муқаррароти моддаҳои дар диссертатсия зикршудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ худмаблағгузор, аз нигоҳи мо ҳанӯз ҳам мукаммал нест ва ниёз ба такмил дорад. Бинобар ин, самти муҳимми мукаммалгардонии имтиёзҳои андозӣ метавонад ташаккули шароит барои иҷрои вазифаи

танзимкунандаи андозй

Муаллиф оид ба мувофиқкунонии андозбандӣ фаъолиятеро дар назар дорад, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ бо мақсади кам кардани пардохтҳои андозбандӣ амалӣ карда шуда, боиси афзоиши натиҷаҳои молиявӣ мегардад, аз ҷумла истифодаи тамоми имтиёзҳои андоз, озодкуниҳо ва дигар бартариҳои ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузории ҷории мамлакатро фаро мегирад (саҳ. 140).

Дар диссертатсия ба таври мушаххас самтҳои асосии такмили механизми андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон тавсияву хулосаҳои муаллиф хеле ҷолиб мебошанд.

## 6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Тавре ки, маълум гардид, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 мақола дар алоҳидагӣ) ва 4 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории автореферат ба талаботи Комиссия**

Маврид ба зикр аст, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар ҷадвали 2.6. саҳ. 84 омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи хавфи андозӣ муайян намудааст, вале онҳоро мушаххас асоснок накардааст.

2. Дар ҷараёни амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ мақсад гузошта шудааст, ки таъсири амиқи омилҳо ошкор карда шавад ва дар чаҳорчӯбаи он тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи он пешниҳод карда шавад (ҷадвали 2.7.), аммо натиҷаи амсиласозӣ баҳсбарагез мебошад.

3. Муаллиф дар раванди таҳқиқ имтиёзҳои андозии соҳаи маорифро дар амалияи якчанд кишвари хориҷии дуру наздик оид ба ААИ дар ҷадвали 2.11. (саҳ.100.) нишон дода бошад, ҳам онҳоро ба таври зарурӣ шарҳу тавзеҳ надодааст.

4. Ба инобат гирифтани таҷрибаи мамлакатҳои рӯ ба инкишоф аз аҳамият холӣ нест, ҳангоми таҳқиқ муаллиф ин масъаларо пайгирӣ намудааст, аммо дар кор мушаххас таҷрибаи кадом кишвар ба мо мувофиқу муносиб аст нишон дода нашудааст.

5. Хулосаву тавсияҳо бояд дар ҳамрадифӣ нишон дода шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

Пас аз баррасии диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мо ба хулосае омадем, ки он аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35“Тартиби додани унвони илмӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 267, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори фалсафа (PhD), аз руи ихтисоси – Молия,
дотсенти кафедраи менеҷменти байналмилаии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусейнов У.С.

**Имзои Ҳусейнов У.С. – ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734003,*
*кӯчаи Саид Носир, 33 Академияи идоракунии давлатии назди*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Почтаи эл.: info@apa.tj, тел:+992 (37) 2241786,*